Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳлили муқоисавии забонҳо яке аз манбаъҳои такомули омӯзиши ҳамагуна забонҳо аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Яъне ба таври муқоиса омӯхтани забонҳо имкони муқаррар кардани хусусиятҳои фарққунанда ва умумияти забонҳои муқоисашавандаро фароҳам меоварад.

Бояд гуфт, ки интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф хеле бамаврид мебошад. Чунки омӯзишу пажуҳиши воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқобалавӣ ба шумор рафта, ба таҳқиқи ҳамаҷониба ниёз дорад.

Таҳқиқ ва баррасии роҳу воситаҳои калимасозӣ ва тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забон, бавижа воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ҳамчун як падидаи грамматикӣ аз нигоҳи забони тоҷикӣ аҳамияти хоса дорад, зеро хуб донистан ва риоя намудани қоидаҳои муайян дар ин раванд ба такмили сифати тарҷумаҳо аз забони асл ба забони тарҷума кӯмаки беандоза хоҳад расонд. Калима ҳамчун унсури маънодори нутқ ва ифодакунандаи маънову мафҳуми муайян яке аз воҳидҳои мураккаби луғавӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, калимасозӣ дар байни дигар воситаҳои ғанисозии захираи луғавӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад ва мунтазам бо нигоҳи тоза таҳқиқ карда мешавад.

Мубрамияти асосии таҳқиқот ба он муайян мегардад, ки низоми калимасозӣ ва анъанаҳои корбурди воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забони муосири англисӣ аз тарафи забоншиносони Ғарбу Шарқ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи муодилнокӣ ва бемуодилии онҳо дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таъсири таҳлили онҳо ба раванди тарҷума ба самти навини таҳқиқоти забонҳои муқоисашаванда алоқаманд мебошад. Масъалаи таҳқиқи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносии муқоисавӣ ҷойгоҳи хосаеро ишғол менамояд, ки таваҷҷуҳи олимон ва забоншиносони тоҷику англисро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст. Омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои муқоисашаванда барои нишон додани рушди бемайлони забоншиносӣ арзиши махсусеро касб мекунад. Дараҷаи омӯзиши мавзуъро ба назар гирифта, ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ бахшида ба омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳои зиёде ба анҷом расонидаанд, лекин то кунун ҷиҳатҳои таҳқиқталаби онҳо хусусан таҳқиқи типологии онҳо дарзабонҳои тоҷикӣ ва англисӣ назаррасанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи методология ва методикаи мушаххаси муқоисаи низоми воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши падидаҳои лексикӣ ва лексикологии забонҳои дигари гуруҳҳои олмонӣ ва эронӣ истифода мешаванд. Хулоса ва маводи он метавонанд ҳангоми таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва тадриси курсҳои махсус барои донишҷуён ва мутахассисони соҳаи тарҷума истифода шаванд. Инчунин диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас дар пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ ва тарҷума мусоидат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилиҳо ва масъалаҳои назариявию амалии самти забоншиносӣ ва тарҷума кӯмак мерасонад.

Мақсад ва ҳадафи асосии таҳқиқот пеш аз ҳама омӯзиш ва муайян кардани раванди ташаккулёбӣ ва анъанаҳои истифодаи калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ва роҳу воситаҳои интиқоли онҳо ба забони тоҷикӣ, хусусиятҳои монандӣ ва тафовути воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтору мафҳум ва тобишҳои маъноии онҳо дар асоси маводҳо аз сарчашмаҳои илмӣ ва таҳлили мисолҳо аз асарҳои бадеӣ ба забонҳои мавриди назар иборат мебошад.

Дар диссертатсия таҳлили афкори забоншиносон дар мавзуи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гирд оварда шуда, таҳқиқи умумиятҳо ва тафовутҳои байни онҳо, ҳамчунин муайян ва муқоиса кардани воситаҳои сохташавии вожаҳои мураккаб тавассути пайвандакҳо, пешояндҳо ва артиклҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода ёфтааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки низоми воҳидои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Сатҳи луғавии забон қишри бузурги низоми забонӣ ба шумор меравад, бинобар ин таҳқиқи муқоисавию типологӣ ва омӯзиши қишрҳои мазкури ин ду забони гуногуннизом, дурнамоҳҳои навро дар забоншиносии муқоисавӣ ошкор месозад. Бори аввал роҳу воситаҳои ташаккулёбии калимаҳои мураккаб ва сохторҳои таркибии хоси забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои таҳқиқотии минбаъда дар самтҳои нави забоншиносӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалию назариявии роҷеъ ба воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, истифода мешаванд ва ҳамчун асос ва замима барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самт хидмат мекунанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро асарҳои илмию назариявии олимони соҳаи забоншиносӣ, ки таҳқиқоти боарзише анҷом додаанд, ташкил

медиҳанд. Дар баррасии масоили назариявии диссертатсияи мазкур асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ О.Д. Мешков, Т.В. Андрюхина, П.Ф. Шанин, Л.Е. Куколшикова, И.В. Усова, Ю.И. Евтушевский, И.В. Арнолд, И.В. Зикова, Н.Б. Гвишиани, Р.З. Гинзбург, С. Гринбаум, Е.С. Кубрякова, А.И. Смиртнитский, В. Адамс, Г.И. Шедеман, Х. Марчанд, забоншиносони тоҷик. Б. Ниёзмуҳаммадов, М.Н.Қосимова, Ш. Рустамов, С. Ҳошимов, С. Раҳматуллозода, М.Н. Азимова, С. Ғаниева, оид ба тарчумашиносии забони англисӣ В.С. Виноградов, А.В. Фёдоров, Л. С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, В.Н. Крупнов аз тоҷикӣ П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, М.Б. Шаҳобова, Ф. М. Турсунов ва дигарон асоси назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Муаллиф барои ҳалли вазифаҳои дар пешгузоштаи худ асосан аз методи муқоисавӣ-татбиқӣ, таҷрибавӣ-луғавӣ, методи синхронӣ-муқоисавӣ, методи таҳлили-назариявӣ ва аз роҳу усулҳои таҳлили маъноӣ истифода кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, бобу зербобҳои дар нақшадоштаи он фарогири паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ мебошанд.

Дар муқаддима аҳамияту навоварии боби якуми таҳқиқот асоснок гардида вазифаву фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии даркор баррасишаванда номбар шудаанд. Боби якуми рисола, ки **“Асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ”** унвон дорад, аз чор фасл иборат буда, дар он шарҳи бознигарии адабиёти илмӣ оид ба воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инъикоси воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ дар луғатҳои англисӣ-тоҷикӣ ва таснифоти воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **“Таҳлии муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** фарогири масъалаҳои асосӣ оид ба воситаҳои мураккабсозии калима вобаста ба аломатҳои васлкунандаи ҷузъҳои калимаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, яъне воситаҳои морфологии мураккабсозии калима, вижагиҳои хос ва монандии мураккабсозии калима, таҳлили муқоисавии

маънoии воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва таркибӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вижагиҳои сохторӣ-маънoии воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва таркибӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Муаллиф дар ин боб тавонистааст дар асоси назарияи муҳаққиқони забоншиноси хориҷию ватанӣ ва таҳлили мисолҳо ҳама вижагиҳои воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва таркибиро дар забонҳои англисию тоҷикӣ муқоиса карда, хулосаашро дар ин мавзуъ ба таври муфассал баён кунад.

Боби сеюми диссертатсия **“Хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** унвон дошта, аз шаш фасл иборат мебошад, ки дар онҳо хусусиятҳои тарҷумаи калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ ба забони англисӣ, тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии бо нимтире ва бе нимтире сохташудаи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, дараҷаи муодилнокии воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисию тоҷикӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо, тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии ихтисоршудаи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар хулосаи кор муаллиф оид ба натоиҷи бадастомадаи таҳқиқот фикру ақидаашро бо далелҳои илмӣ асоснок намуда, доир ба нуктаҳои гуногуни баҳснок дар самти омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ иброз намудааст.

Дар баробари дастовардҳои диссертатсия ва дар сатҳи баланд иншо гардидани он баъзан камбудиҳое низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо барои беҳбудии кор хоҳад буд:

1. Мавридҳое ба назар мерасанд, ки дар таҳлилу муқоисаи мисолҳо сарчашмаи онҳо мувофиқи қоида нишон дода нашудааст.
2. Дар боби дуюм дар саҳифаҳои 79, 80 тарҷумаи калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ бо роҳи такрори калима сохта мешаванд, ба забони англисӣ нишон дода нашудааст.
3. Дар автореферати диссертатсия низ хатогиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 11, 13, 14, 19).

4. Дар тарҷумаи англисии фишурдаи рисола хатогиҳо ба чашм мерасад.
5. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва баъзан имлоӣ дар саҳифаҳои 70, 76, 83, 113, мушоҳида мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои номбурда бештар ҷанбаи таҳрирӣ дошта, моҳияти илмии дисертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар таҳқиқи пурраи ҳадафҳои ба нақша гирифтаро дар бар мегирад ва дар он ҳамаи вазифаҳои тарҳрезишуда мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

Муҳтавои кор ва фишурдаи он бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст. Доир ба мавзуи диссертатсия мақолаҳои муаллиф дар маҷалаҳои гуногуни илмӣ нашр шудаанд.

Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода — Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловна

Имзои Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловнаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода — Ҳамидова Зарина

Суроғаи муқарризи расмӣ:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 73а,
Email: nazarova@bk.ru
Телефон: (+992) 985544397

«29» августи соли 2022